# ХУЛОСАИ

Шурои диссертатсионии 6D.КОА – 017-и назди Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон аз рӯи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи доктори фалсафа (PhD)

Парвандаи аттестатсионии №___

Қарори Шурои диссертатсионӣ аз 25.06.2024, №6

Барои сазовор донистани Акрамова Бибималика Акбаровна, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) –доктор аз руйи ихтисоси 6D050700- Менеҷмент (6D050704 - Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо)

Диссертатсияи Акрамова Бибималика Акбаровна дар мавзӯи «Идоракунии равандҳои такрористеҳсол дар ташкилотҳои кишоварзӣ» (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон) барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) –доктор аз руйи ихтисоси 6D050700- Менеҷмент (6D050704 - Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо) ба ҳимоя 02 апрели соли 2024 (протоколи №2.1.) қабул карда шуд. Шурои диссертатсионии 6D.КОА – 017-и назди Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи С. Айнӣ, 44) дар асоси фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07 январи 2022, таҳти №17/шд таъсис дода шудааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Акрамова Бибималика Акбаровна доктори фалсаф (PhD) – и Донишгоҳи миллии Тоҷикистон 19 августи соли 1990 дар шаҳри Ваҳдат дар оилаи зиёӣ таваллуд шудааст. Миллаташ тоҷик мебошад. Оиладор, соҳиби 1 фарзанд.

Акрамова Бибималика Акбаровна соли 2008 ба факултаи иқтисод ва идораи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дохил шуда, соли 2012 дар дараҷаи бакалавр ва соли 2014 бошад, донишгоҳи мазкурро аз рӯи ихтисоси менеҷменти ташкилот дар дараҷаи магистр хатм намудааст. Соли 2017 то

соли 2020 ба ҳайси доктор (PhD) – и Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар мавзӯи «Идоракунии равандҳои такрористеҳсол дар ташкилотҳои кишоварзӣ» (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон) таҳқиқоти диссертатсионӣ бурдааст. Дар давраи омодагии диссертатсия доктор (PhD) - и Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Акрамова Бибималика Акбаровна ба ҳайси муаллимаи калони кафедраи иқтисодиёти ҷаҳонии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон фаъолият намудааст.

Диссертатсия дар кафедраи менеҷмент ва маркетинги Донишгоҳи миллии Тоҷикистон омода гардидааст.

**Роҳбари илмӣ:**

**Қудратов Р.Р. (Раҳматзода Р.).** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, вакили Маҷлиси Намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

**Пиризода Ҷалил Сафар** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, академик, директори Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон;

**Кузибаева Бароат Муротбоевна** - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи баҳисобгирии бухгалтерии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон.

Муассисаи пешбар: Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, тақриз аз ҷониби номзади илмҳои иқтисоди, дотсент мудири кафедраи идораи давлатӣ ва иқтисоди миллӣ Асоев Муфарра Мазориддинович таҳия гардида, ба Шурои диссертатсионӣ пешниҳод намудааст. Тақриз дар ҷаласаи кафедраи идораи давлатӣ ва иқтисоди миллии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, суратмаҷлиси кафедра №10, аз 04 июни соли 2024 баррасӣ ва аз тарафи ректори Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, н.и.п., дотсент Сафарзода Д.Ҷ. аз 05 июни соли 2024 тасдиқ шудааст.

Дар пешниҳоди муассиса, ки аз тарафи муқарриз имзо шудааст, қайд гардидааст, ки кори диссертатсионии Акрамова Бибималика Акбаровна ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, тахти №267) мутобиқ ва ҷавобгӯ мебошад. Аз рӯи мазмуни илмӣ ва шакли таҳияи диссертатсияи докторант (PhD) дар мавзуи «Идоракунии равандҳои такрористеҳсол дар ташкилотҳои кишоварзӣ» (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон) ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки он ҳамчун кори илмӣ-тахассусӣ ба ҳисоб рафта, дар он ҳалли масъалаҳои муҳим ва бартариятдоштаи илмҳои иқтисодӣ, ки ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба диссертатсияҳои доктор (PhD) ҷавобгӯ мебошад, гирд оварда шудаанд. Ҳамаи ин далелҳо бе ягон шаку шубҳа аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки кори илмии мазкур сазовори баҳои баланд буда, муаллифи он арзандаи дараҷаи илмӣ аз рӯйи ихтисоси 6D050700- Менеҷмент (6D050704 - Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо) мебошад.

Автореферат ва мақолаҳои нашршудаи муаллиф таркиби асосии кори диссертатсиониро фаро гирифта, натиҷаҳои таҳқиқотро ҳамчун дастоварди нави илмӣ ҳисобидан мумкин аст.

**Интишорот аз рӯи мавзуи диссертатсия.** Аз рӯи натиҷаҳои таҳқиқот 11 мақолаи илмӣ, аз ҷумла, 5 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмие, ки ба номгӯи нашрияҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон шомил мебошанд, ба нашр расидаанд.

**а) Мақолахое, ки дар нашрияҳои такризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**

[1-М]. Акрамова, Б.А. Воспроизводство в аграрном секторе экономики: некоторые вопросы теории и методологии. [Текст] / Б.А. Акрамова // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2017. – № 2/9. – С. 123-126.

[2-М]. Акрамова, Б.А. Ҷанбаҳои назариявии раванди такрористеҳсол дар соҳаи кишоварзӣ. [Матн] / Б.А. Акрамова, Ф.Б. Саидаҳмадов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. - 2019. - №3 (қисми -1). – С. 40-44.

[3-М]. Акрамова, Б.А. Хусусиятҳои такрористеҳсол дар бахши аграрӣ дар шароити муосир. [Матн] / Б.А. Акрамова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. - 2019. - №5 (қисми -1). – С. 158-161.

[4-М]. Акрамова, Б.А. Роҳҳои асосии таъминоти амнияти озуқаворӣ. [Матн] / Б.А. Акрамова, Ф.Б. Саидахмадов // Паёми Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон «Кишоварз». – Душанбе, 2018. – № 4 (80). – С. 206-211.

[5-М]. Акрамова, Б.А. Рушди низоми идоракунии такрористеҳсоли сармояи асосӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ. [Матн] / Б.А. Акрамова // Паёми молия ва иқтисод. – 2023. – №.3.(37). – С. 435-447.

Б) Дар дигар нашрияҳо

[6-М]. Акрамова Б.А. Раванди такрористеҳсол дар соҳаи кишоварзӣ ва омилҳое, ки ба он таъсир мерасонанд. [Матн] / Б.А. Акрамова, Ф.С. Давлатов // Маводи конференсияи илмӣ амалии байналмилалии «Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ: ҷанбаҳои миллӣ, минтақавӣ ва байналмилалӣ». – Душанбе, 2018. - С. 236 - 240.

[7-М]. Акрамова Б.А. Хусусиятҳои такрористеҳсол дар соҳаи кишоварзӣ. [Матн] / Б.А. Акрамова, Ф.С. Давлатов // Конференсияи илмӣ – амалии ҷумҳуриявии «Масъалаҳои мубрами омори соҳавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: чанбаҳои методӣ ва методологӣ». - Душанбе, 2018. - С. 123 - 128.

[8-М]. Акрамова Б.А. Управление ресурсным потенциалом аграрного сектора в условиях ее воспроизводство. [Текст] / Б.А. Акрамова // Материалы круглого стола на тему «Актуальные проблемы менеджмента в современных условиях». - Душанбе, 2019. - С. 21 - 24.

[9-М]. Акрамова Б.А. Масъалаҳои такрористеҳсоли васеъ ва ҷамъоварӣ дар соҳаи кишоварзӣ. [Матн] / Б.А. Акрамова // Конференсияи

байналмилалии илмӣ – амалии «Масоили мубрами ташаккулдиҳии ҷомеаи иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: ҳолат ва дурнамои инкишов» (15 майи соли 2018). – Душанбе, 2018. – С. 26-27.

[10-М]. Акрамова Б.А. Таҷрибаи хориҷии ташаккули менеҷменти такрористеҳсоли воситаҳои асосӣ дар ташкилотҳои кишоварзӣ. [Матн] / Р.Р. Қудратов, Б.А. Акрамова // Маҷмуи мақолаҳои конференсияи байналмилалии илмӣ – амалӣ дар мавзуи «Татбиқи сиёсати мусоидат ба содирот ва воридотивазкунии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ» бахшида ба «Солҳои рушди саноат» (2022 - 2026), (23 декабри соли 2023). - Душанбе, 2023. - С. 257-263.

[11-М]. Акрамова Б.А. Хусусиятҳои менеҷменти такрористеҳсол дар корхонаҳои кишоварзӣ дар шароити гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ. [Матн] / Р.Р. Қудратов, Б.А. Акрамова // Маҷмӯи мақолаҳои конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Ташаккул ва рушди иқтисодиёти рақамӣ ва тиҷорати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» бахшида ба «солҳои рушди саноат». - Душанбе, 2023. - С. 267-271.

**Ба автореферати диссертатсия тақризҳо ворид шудаанд:**

**Раҳматзода Ҳ.Б.** - д.и.и., профессор, профессори кафедраи назарияи иқтисод ва иқтисоди ҷаҳонии Донишгоҳи славянии Русияву Тоҷикистон бо чунин эрод пешниҳод гардидааст:

Дар баробари дастовардҳои илмии дар рисола мавҷудбуда хуб мешуд, ки муаллиф дар таҳқиқоти анҷомдодаи худ бо дар назардошти ҳолати муосири таъминоти молиявии соҳа ва таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ ба масъалаҳои молиякунонии раванди такрористеҳсоли васеи истеҳсолоти кишоварзӣ тавассути рушди лизинг ва дигар намудҳои молиякунонии ҳозиразамон таваҷҷуҳ, менамуд.

**Шариф З.Р.** - д.и.и., профессор, профессори кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудити Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур бо чунин эрод пешниҳод гардидааст.

1.Танзими давлатии масъалаҳои идоракунии раванди такрористеҳсол дар ташкилотҳои кишоварзӣ дар автореферат ба таври васеъ таҳлили худро наёфтааст.

2. Хуб мешуд, агар дар автореферат самаранокии такрористеҳсол дар корхонаҳои кишоварзӣ равшан ва бо мисолҳои амалӣ нишон дода шавад.

Сафоев А.К.- доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи назарияи иқтисодӣ ва фаъолияти соҳибкории МД Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон бо чунин эродҳо пешниҳод гардидааст.

1. мавзуъ ба идоракунии равандҳои такрористеҳсол дар ташкилотҳои кишоварзӣ бахшида шудааст, соҳаи кишоварзӣ маблағи муайяни пулиро талаб мекунад. Лекин масъалаи сармоягузориҳо дар ин самт кам ба назар мерасанд.

2. агар таҳлили муқоисавии идоракунии равандҳои такрористеҳсол дар ташкилотҳои кишоварзии дигар давлатҳое, ки аз ҷиҳати иқлим ба кишвари мо наздикро муаллиф таҳлил менамуд, сафати кори илмӣ боз ҳам баландтар мегардид.

**Раҷабов Р.К.** - д.и.и., профессор, профессори кафедраи фаъолияти гумрукии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон эродҳо пешниҳод гардидааст.

- дар автореферати мазкур хуб мешуд, ки агар аз ҷониби муаллиф таҷрибаи хориҷӣ оид ба механизмҳои идоракунии раванди такрористеҳсолӣ бештар оварда мешуд.

- дар ҷадвали 1 автореферат, дар таҳлил нишондиҳандаҳои соли 1991 оварда шудааст, аммо беҳтар мешуд, ки муаллиф дар таҳлил нишондиҳандаҳои солҳое, ки пули миллӣ баромадааст истифода мебурд. Дар ин ҳолат таҳлили муаллиф саҳеҳтар баҳогузорӣ мешуд.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқоти диссертатсионӣ:**

1. ҷиҳатҳои назариявӣ такрористехсол дар корхонаҳои кишоварзӣ такмил дода шуда, муаллиф исбот кардааст, ки такрористехсол дар

марҳилаи муосир на танҳо такрори раванди муайян, балки раванди интенсивие мебошад, ки бо татбиқи васеи навовариҳо алоқаманд буда, идоракунии самарабахши он шарти асосии тараққиёти устувори корхонаҳои кишоварзӣ ба ҳисоб меравад;

2. таҳияи асосҳои методологии идоракунии раванди такрористеҳсол асоснок карда шудаанд, ки дар он барои пурзур намудани фаъолияти шуъбаи таъминоти моддию техникӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ бо мақсади баланд бардоштани самаранокии идоракунии раванди такрористеҳсол, тартиб додан ва тасдиқ намудани нақшаи иҷрои он, такмил додани механизми идоракунии раванди такрористеҳсол бо назардошти таъминоти сармоягузорӣ, кадрӣ ва иттилоотӣ тавсияҳои асоснок пешниҳод намудааст;

**Аҳамияти амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ** аз он иборат аст, ки:

- таҳияи модели нави идоракунии раванди такрористеҳсол дар сатҳҳои гуногун таҳия ва пешниҳод карда шудааст, ки дорои тавсияҳои методӣ ва амалии такмили низоми сармоягузорӣ, кадрӣ, институтсионалӣ, ташкилӣ, техникӣ ва иттилоотӣ мебошад;

- истифодаи муқарраротӣ назариявӣ ва методии кор ҳангоми таълими фанҳои «Идоракунии ташкилот», «Иқтисодиёт ва идоракунии комплекси агросаноатӣ», «Идоракунии корхонаю ташкилотҳои комплекси агросаноатӣ», инчунин дар корҳои илмии унвонҷӯёну докторантон истифода шаванд.

- асосноккунии такмили идоракунии такрористеҳсол дар корхонаҳои кишоварзӣ асоснок карда шуда, дар ин самт ба фаъолияти инноватсионӣ, истифодаи равиши лоиҳавӣ, менеҷменти молиявӣ, захираҳои иттилотӣ ва таҳияи стратегияи рушди корхонаҳои кишоварзӣ таваҷҷӯҳи махсус зоҳир карда шудааст.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

**Ҷанбаҳои назариявӣ** – асоси назариявии таҳқиқотро корҳои илмии олимони ватанӣ ва хориҷӣ, ки ба масъалаҳои идоракунии раванди

такрористеҳсол дар корхонаҳои кишоварзӣ, принсипҳо ва усулҳои идоракунии раванди такрористеҳсол, инчунин таҷрибаи хориҷии ташкил ва идоракунии раванди такрористеҳсол равона шудааст, ташкил медиҳанд.

**Методҳои гуногуни** – ба мисли абстраксияи илмӣ, усулҳои таҳлили сохторӣ-функсионалӣ ва муқоисавӣ, муносибати иқтисодӣ-оморӣ, таърихӣ-мантиқӣва ғ. истифода шудаанд. Ҳамчун усулҳои асосӣ принсипи муносибати системавӣ интихоб карда шуд, ки тибқи он мантиқи умумии таҳқиқоти диссертатсионӣ сохта шудааст.

**Дар натиҷаи** таҳқиқот коркарди муқаррароти назариявию методӣ ва таҳияи тавсияҳои амалӣ оид ба идоракунии равандҳои такрористеҳсол дар ташкилотҳои кишоварзӣ дар асоси таҳқиқи шароитҳо ва омилҳои ташаккулу рушди соҳа ва асосноккунии роҳҳои баланд бардоштани он инчунин, муайян кардани тамоюли ҳолат, ҷараёни инкишоф ва самтҳои минбаъдаи рушди ташкилотҳои кишоварзӣ сурат гирифтааст:

- асосҳои консептуалӣ ва принсипҳои илмии идоракунии равандҳои такрористеҳсол дар ташкилотҳои кишоварзӣ таҳқиқ карда шуда, ҷамъбасти назариявӣ ва натиҷагирии адабиёти илмии соҳа ироа шудааст.

- **бори аввал** моҳият ва хусусияти такрористеҳсол дар такмили доимии воситаҳои истеҳсолот, ки барои ба маҳсулоти тайёр табдил додани ашёи хом зарур аст, ифода меёбад, ки муносибатҳои иқтисодии байни истеҳсолкунанда, истеъмолкунанда ва миёнарави онҳо, яъне бахши савдоро ба вучуд меорад;

- заминаҳои консептуалии такмили низоми идоракунии раванди такрористеҳсоли фондҳои асосӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ, такмили системаи идоракунии раванди такрористеҳсоли фондҳои асосӣ дар асоси тақвияти фаъолияти инноватсионӣ, инчунин тавсияҳои методӣ оид ба беҳтар намудани шароит ва низоми идоракунии такрористеҳсол дар корхонаҳои кишоварзӣ асоснок шудаанд;

- механизми идоракунии раванди такрористеҳсол бо назардошти таъминоти сармоягузорӣ, кадрӣ ва иттилоотӣ тавсияҳои асоснок пешниҳод гардидааст.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ нишон доданд, ки:**

- асосноккунии хулосаву пешниҳодҳои дар диссертатсия овардашуда ва сатҳи илмии онҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки муаллиф асарҳои бунёдии олимон-иқтисодшиносон ва муҳаққиқони ватанию хориҷиро дар соҳа эҷодкорона истифода бурдааст;

- маълумотҳои дар таҳқиқоти диссертатсионӣ истифодашуда дақиқ буда, ҳаҷми маводи таҳқиқотӣ кифоя мебошад ва аз ҷониби муаллиф коркарди омории маълумотҳои расмию ғайрирасмӣ мақсаднок сурат гирифтааст;

- натиҷаҳои таҳқиқот дар нашрияҳои бонуфуз интишор ёфтаанд, ки эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсиониро низ тасдиқ менамоянд.

- дар раванди таҳқиқоти диссертатсионӣ усулҳои иқтисодии таҳлил васеъ истифода шудаанд ва хулосаҳову пешниҳодҳо дар асоси ҷамъоварӣ, сохторбандӣ ва коркарди захираҳои иттилоотии дақиқ бо истифодаи воситаҳои технологияи иттилоотии муосир ба анҷом расидааст.

- ғояи асосии диссертатсия дар асоси дастурҳо, баромадҳо ва асарҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва андешаи олимони соҳаи иқтисодиёт, ҳамчунин, омӯзиши асарҳои олимони ватаниву хориҷӣ дар самти таҳқиқоти гузаронидашудаи муаллиф асоснок карда шудаанд.

**Саҳми шахсии довталаб.** Саҳми шахсии муаллиф дар он ифода меёбад, ки кори диссертатсионӣ аз ҷониби муаллиф шахсан анҷом дода шуда, интихоби усули тадқиқот, ҳалли масъалаҳо ва ҳисобҳо мустақилона анҷом дода шудаанд. Муаллиф дар банизмодарорӣ ва таҳлили маълумоти оморӣ, асосноккунии роҳҳои такмили идоракунии раванди такрористеҳсол дар

корхонаҳои кишоварзӣ, таҳлил ва арзёбии вазъи кунунии корхонаҳои соҳа ва таҳияи тавсияҳо оид ба зиёд намудани ҳаҷми истеҳсолот, дараҷаи самаранокии идоракунӣ ва дар асоси онҳо хулосаҳои илмӣ таҳия намуда, дар мақолаҳои илмӣ чоп кардааст.

- натиҷаҳои назариявӣ-методие, ки дар диссертатсия ҷой доранд, аз тарафи муаллиф ба шакли маъруза дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ ва назариявии вилоятӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ пешниҳод гардидаанд.

- мӯҳтавои асосии диссертатсия дар семинарҳои назариявӣ ва ҷаласаҳои кафедраи менеҷмент ва маркетинги Донишгоҳи миллии Тоҷикистон инчунин, дар Донишгоҳи давлатии молия иқтисоди Тоҷикистон мунтазам мавриди муҳокима қарор ёфтаанд.

Дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.KOA – 017 аз 25 июни соли 2024 қарори сазовор донистани Акрамова Бибималика Акбаровна, ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) –доктор аз руйи ихтисоси 6D050700-Менеҷмент (6D050704 - Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо) қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар Шурои диссертатсионӣ 9 нафар иштирок доштанд, аз он ҷумла, 4 нафар доктори илм ва 1 нафар номзади илм аз рӯи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда. Аз 9 нафар иштирокдоштагон дар маҷлис, ки ба Шуро шомил буданд, овоз доданд: тарафдор 9 нафар, муқобил – нест, бетараф - нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Раиси Шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои иқтисодӣ — Ҷонмамадов Ш.Б.

Котиби илмии
Шурои диссертатсионӣ, н.и.и. — Бобозода К.О.

«25» июни соли 2024